# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст

Воқеан мавзӯи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобкардаи Маҳмудзода Қумринисо Нуралӣ мубрам ва саривақтӣ мебошад, чунки замони муосир, ҷомеаи мутамадин, ҳамзамон рушди илму технология ниёзи доштани салоҳиятҳои асосии ҳаётиро ба миён овардааст ва маҳз дар ин самт насли имрӯза ва ҷавонони кишвар бибояд дорои тафаккури мантиқиву таҳлилӣ, салоҳияти дарки тағйироти ҳамарӯза ва малакаҳои кор бо иттилоотро бархурдор бошанд.

Дар ин ҷода мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби рӯзгори имрӯза водор месозанд, ки насли замони муосир маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта ва фикру андешаашонро дурусту озодона баён карда тавонистанро аз худ кунанд.

Дар шароити кунунӣ фаъолиятҳои ба ҳалли проблемаҳои ҷанбаи методологидошта нигаронидашуда, ҳам дар соҳаи донишҳои умумиилмӣ ва ҳам дар педагогика, ба таври назаррас фаъол гардидаанд. Нуктаи дар боло зикргардида сабаби мавриди таваҷҷуҳи муаллифи диссертатсия нисбат ба равишҳои методологии дар имрӯз мавҷудбуда гардидааст, ки дар асоси муайянкунии самтҳои стратегии такмилдиҳии назария ва амалияи педагогика қарор доранд. Равишҳои мазкур дар ҳоли ҳозир вазифаи самтҳои калидиро дар соҳаи омӯзиши тайёркунии касбии омӯзгорон иҷро мекунанд.

Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти манбаъҳои адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳанд, антропология аз нуктаи назари таълимоти махсус дар бораи инсон ба омӯзиши ҷанбаҳои маънавӣ, биологӣ ва ҷисмонии ӯ нигаронида шудааст. Ин ба мо имконият медиҳад иброз намоем, ки дар донишҷӯён инкишофёбии салоҳиятҳои касбӣ ба таври мувозӣ ҳамроҳ бо ташаккули ҷузъҳои муҳимтарини фарҳанги касбии ӯ амалӣ мегардад.

Муаллифи таҳқиқоти рисолаи илмӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки аммо салоҳиятҳои касбии аз ҷониби донишҷӯён ба даст овардашуда - гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо мебошанд, аввал таълимӣ, сипас истехсолӣ, ки табибони оянда дониши назариявии худро бо муҳтавои нав ва амалӣ ғанӣ мекунанд ва минбаъд ба эътиқоди касбӣ мубаддал мешаванд, ба таври мукаммал аз тарафи олимону муҳаққиони тоҷик зимни таҳлилу таҳқиқба роҳ монда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, ибтикору иқдоми унвонҷуй зимни ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ аз муҳим

будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат дода, хеле муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замони имрӯза мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯй бо ҳадафи баррасии ҳамаҷиҳатаи мавзуи илмӣ адабиёту маводҳои илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷи кишварро аз худ намуда, аз рӯи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу таҳқикро ба таври бояду шояд амалӣ намудааст. Дар ин аснод, тавонистааст онҳоро арзёбӣ намуда, андешау мулоҳизоти худро озод ва бомаърифатона манзур намояд.

Зимни таҳқиқот унвонҷӯй натиҷаҳои бадастовардаро таҳлил намуда, бо ин васила мақсаднокии истифодаи амсилаи пешниҳоднамудаи худро дар мисоли ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ тасдиқ намудааст.

Ба андешаи мо, муҳтавои таҳқиқоти илмӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба таври бояду шояд аз тарафи олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифта, аз ин лиҳоз довталаб дар ин самт кори илмӣ-таҳқиқотии сазовореро, итмом додааст. Чунки барои донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ масъалаи аз худ кардани салоҳиятҳои касбӣ зимни донишҷӯйи хеле бамаврид буда, ба ин масъалаи муҳиму ҳаётӣ зарур аст, ки омӯзгорон бомасъулияти баланд таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд

Натиҷаҳои таҳқиқот ва навгонии илмии Маҳмудзода Қумринисо арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро манзур намуда, далели он аст, ки муаллифи диссертатсия воқеан таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ ҳамаҷиҳата омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ намуда, мушкилиҳо ва проблемаҳои асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ, моҳият ва сохтори салоҳиятҳои касбӣ, равишҳои методологӣ ба таҳқиқи ташаккули салоҳиятҳои касбиро бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосирро муайян ва коркард кардааст ва дар ин аснод самаранокии амсилаи ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ собит намудааст.

Комилан изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиянамудаи унвонҷӯй такмили раванди таълиму тарбияро дар донишгоҳу донишкадаҳо, инчунин муассисаҳои миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули малакаҳои касбӣ таъмин хоҳанд намуд.

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисоро далел буда, дар амалӣ намудани раванди таҳқиқот тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамзамон доштани салоҳиятнокии илмӣ, мустақилияти довталабро собит аст.

Эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ, натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки унвончӯй ба ҳадафи таҳқиқот муваффақ гардида, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ бударо иҷро намудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талабот омода гардида, муҳтаво ва мазмуни рисолаи илмиро дарҷ намудааст. Ҳамзамон мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда интишор намудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос намудаанд.

Диссертатсияи Маҳмудзода Қумринисо дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷи тиббӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ – тарбиявӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор ходими пешбари илмии
Шуъбаи педагогика ва психологияи
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ Раҳимзода Хуррам

30.03.2023


<u>Маълумот барои тамос:</u>
ш.Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ маҳаллаи
Қаҳрамон, тел. 907-98-47-70


*Имзои профессор Х. Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.*

*Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ* *Х. Ҳакимова*